Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва Тоҷикистон бо суроғаи 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14

# ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи номзадии Саидаҳмадов Фаррух Бобоқулович дар мавзӯи «Такмили танзими давлатии сармоягузории кишоварзии минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

Воқеан танзими давлатии фаъолияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ ва корхонаҳои он ҳамчун фаъолияти мақсадноки давлат ҷиҳати таъмини шароитҳои мусоид барои рушди фаъолияти сармоягузорӣ, истифодаи самараноки иқтидори сармоягузории минтақа бо мақсади таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ ва ҳалли вазифаҳои рушди соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии мамлакат фаҳмида мешавад.

Таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар шароити кунунӣ татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ дар ҳамаи сохторҳои иқтисодии кишвар, аз ҷумла ба соҳаи кишоварзӣ таъсири назаррас расонида истодааст. Бо вуҷуди ин, татбиқи ислоҳот дар соҳаи мазкур аксар вақт бе омодагии ҷиддии кадрӣ, молиявӣ ва моддӣ-техникӣ амалӣ гардонида мешаванд.

Муаллиф дар боби аввали рисолаи номзадии худ ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии танзими давлатии рушди сармоягузории кишоварзии минтақаро тақиқ намудааст, ки дар ин боб ба ӯ муяссар шудааст, то масъалаҳои назариявии танзими давлатии фаъолияти сармоягузории истеҳсолоти кишоварзӣ, асосҳои методологии омӯзиши фаъолияти сармоягузории истеҳсолоти кишоварзии минтақа, инчунин таҷрибаи хориҷии танзими фаъолияти сармоягузориро мавриди таҳқиқи худ қарор диҳад.

Боби дуюми диссертатсия ба ҳолати ҳозира ва асосҳои институтсионалии фаъолияти сармоягузории вилояти Хатлон бахшида шуда, ҳолати муосири фаъолияти сармоягузории истеҳсолоти кишоварзиро дар вилояти Хатлон баҳогузорӣ кардааст. Ҳамчунйин, заминаҳои институтсионалии сармоягузории истеҳсолоти кишоварзии вилояти Хатлон ва танзими давлатии фаъолияти сармоягузории соҳаи комплекси агросаноатии вилоят мавриди таҳқиқи муаллиф қарор дода шудаанд.

Бо назардошти он ки таҳқиқот самтҳои афзалиятноки такмили танзими давлатии фаъолияти сармоягузориро дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон фаро мегирад, кори илмӣ аз норасоиҳо холӣ нест. Аз нигоҳи мо автореферат дорои норасоиҳои зерин мебошад:

1.Ба манифати таҳқиқот мебуд агар муҳаққиқ маълумоти ҷадвалҳоро аз нуқтаи назари муаллифӣ ба низом даровари, таҳлил менамуд. Чунки баъзе аз маълумоти оморӣ дар ҷадвалҳо бо тартиби оддӣ ба низом даровари шудааст, ки барои таҳқиқоти илмӣ натиҷабахш нестанд.

2.Дар автореферат самтҳои асосии такмили низоми давлатии фаъолияти сармоягузории истеҳсолоти кишоварзии вилояти Хатлон ба пуррагӣ нишон дода нашудааст.

Норасоиҳои зикршуда характери тавсиявӣ дошта, аҳамияти илмии диссертатсия ва автореферат ро ихтисор намекунад.

Хулоса, автореферати кори илмии Саидаҳмадов Фаррух Бобокулович дар мавзӯи «Такмили танзими давлатии сармоягузории кишоварзии минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст, ба ҳамаи талаботи Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Номзади илмҳои иқтисодӣ,
директори коллеҷи информатика ва техникаи компютерии ш.Душанбе Б.Р. Давлатзода

**Нишонӣ:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кучаи Борбад, 48/1
**Тел:** 239-05-01, **plikt** @mail.ru

Имзои Б.Р Давлатзодаро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо, корҳои махсус ва бойгонии КИ ва ТК и ш. Душанбе Д.Ш. Сайдалиева